**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мираксзода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи «Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Душанбе, 2020.**

Дар автореферати диссертатсияи мазкур бори нахуст таърихи туризми Тоҷикистон дар замони Истиқлолияти давлатӣ (солҳои 1991-2016) мавриди таҳқиқ қарор гирифта шуда, муаллифи он дар асоси сарчашмаҳои боэътимод ҷараёни эҳё ва ташаккули туризмро инъикос намудааст.

Ба сифати объекти таҳқиқи рисола, пеш аз ҳама, сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти туризм, сарчашмаҳои меъёрии ҳуқуқии ба соҳаи туризм бахшидашуда, рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон, сарчашмаҳои сайёҳӣ-мавзеъҳои нодири табиӣ, олами набототу ҳайвонот, чашмаҳои шифобахш, мероси таърихӣ-фарҳангӣ, экотуризм, туризми табобатӣ ва омилҳои рушди туризми байналмилалӣ интихоб шудааст. Предмети таҳқиқи он бошад таърих ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016) ба шумор меравад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мухиммият ва сатҳи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, навгонии мавзӯъ асоснок карда шуда, сарчашмаҳои таҳқиқ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, дар он масъалаҳои мероси таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ҳамчун ҷозибаи сайёҳии Тоҷикистон, сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти туризм, ниёзҳои иқтисодии Тоҷикистон ва сармоягузорӣ ба соҳаи туризм баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия "Динамикаи рушди туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 1991–2006" паҳлӯҳои таърихи бунёди ниҳоди дахлдор дар соҳаи туризм ва марҳилаҳои асосии фаъолияти он, масъалаи экотуризм дар Тоҷикистон ва дурнамои рушди он инъикос ёфтаанд.

Дар боби сеюми кор "Туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 2007-2016 ва дурнамои рушди он" туризми дохилӣ ва роҳҳои тавсеаи он: мушкилот ва дурнамо, рушду тавсеаи туризми табобатӣ дар Тоҷикистон, шаклгирӣ ва рушди туризми байналмилалӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар хулосаи диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии ӯ низ муфид мебошанд.

Ҳамин тавр, рисолаи мазкур мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, комилан ҷавобгӯи он мебошад.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи «**Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)**» ба бандҳои 10, 11, 12 ва 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти № 505 ба тавсиб расидааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Мираксзода Фаридун Юсуфи – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Мудири кафедраи ҳуқуқи**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**доктори илмҳои таърих,**
**дотсент** **Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович**

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
Тел.: + 992 934722778; E-mail: ahmad0401@mail.ru

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Назаров Давлатхон Қурбонмуродович**

«01» 06 2020 с.